МУРОДАЛӢ СОБИР

# ГУЛИ БОДОМ



## ШАҲПАРАК

Шаҳпараки холдор,
Боли ту – нақшу нигор.

Нақшу нигорат бувад
Манзараи навбаҳор.

Болу парат – ранги гул,
Ҷону дилат – беқарор.

Ҳар гули боғу чаман –
Дар раҳи ту интизор.

Файз барад гул зи ту,
Гул зи ту ояд ба бор.

Аз бари гул омадӣ?
Сӯйи гулӣ раҳсипор?

Балки худат як гулӣ,
Як гули фасли баҳор!

# ЁРӢ

Бинам, Нигор-хола
Бо мушкилӣ равон аст,
Дар ҳар ду дасти ӯ - бор,
Бораш басе гарон аст.

Аз рӯи меҳрубонӣ
Ман кӯмакаш бидодам,
То хона бурда бораш,
Пеши дараш ниҳодам.

Хам гашта аз рухи ман
Ӯ бӯса карду гуфто:
— Чизе диҳам бароят,
Аз чизи хубу зебо.

Аз меҳр ӯ ба ман дод
Як себаки гулобӣ.
Ман гуфтамаш:
— Ташаккур!
Гуфт ӯ:
— Камол ёбӣ.

## ШОДИИ ТАНБАЛ

Танбал аз мактаб омад,
Табассум дар лаб омад.
Гуфто хурсанду хандон:
— Таътил сар шуд, модарҷон!

## ЗАНГӮЛА

Ҳар сӯ битохтам ман,
Зангӯла сохтам ман.

Зангӯлаи басо зӯр,
Пурғул-ғул асту пуршӯр!

Чун риштааш кашад кас,
Вай мезанад ҷарангас.

З-он мурғакони тарсу
Тарсон паранд ҳар сӯ!

Гардид боғи ангур
Аз хавфу аз хатар дур!

Гунҷишку майнаву зоғ,
Дигар чун ояд ин боғ?!

## БАҲОР

Гул руст дар сари санг,
Барф об шуд, ниҳон шуд,
Сар то сари деҳистон
Зебову гулфишон шуд.

Лолахасак сар афрохт
Дар байни сабза бо ноз,
Кабкони хушнаво низ
Гаштанд нағмапардоз.

Ҷӯшида мебарояд
Аз кӯҳ обаки соф,
Овози чашмасорон
Ояд ба гӯши атроф.

Бо мо биё ту, эй дӯст,
Бар сайри кӯҳсорон,
Бо дасти худ бичинем
Аз пои тарма торон.

## ТИРАМОҲ

Дар боғу роғат
Сад рангу сад бӯ,
Сад нозу неъмат
Пухтаст ҳар сӯ.

Зархал либосат,
Ҳай-ҳай, чӣ зебо!
Зеботар аз ту
Шуд кишвари мо!

## ПАХТА

«Пахта, пахта, ҷон пахта»,
Гардад фаровон пахта.

Пахта ризқи мардум аст,
Пахта мисли гандум аст.

Ҳар кас ки пахта чинад,
Рӯи камӣ набинад.

Пахта ҳам тило бошад,
Ганҷи халқи мо бошад.

# РАХШОНА РАҲГАРДОН ШУД!

Гаштем имшаб парвона
Мо дар гирди Рахшона.

Рахшона раҳгардон шуд,
Аҳли хона ҳайрон шуд.

Хурду калон хабар шуд,
Муборакбодӣ сар шуд.

Ана, дар рӯи хона
Раҳ мегардад Рахшона.

Шодон-шодон мегардад,
Тарсон-тарсон мегардад.

Мо ҳам бо ӯ по монем,
Шодонему тарсонем.

Аз гаштанаш шодонем,
З-афтиданаш тарсонем.

Рахшона раҳгардон шуд,
Як хона саргардон шуд!

## ХУДПИСАНД

Агар ба шӯхӣ
Гӯӣ ба Масрур:
— Аз паҳлавонон
Ҳастӣ ту пурзӯр!

Ба ҷид бигӯяд
Бинмуда бозу:
— Медонам инро
Бе гуфтаи ту!

## НАҚБИ УШТУР

Чун даст дода бо ҳам
Ҷаҳду ҷадал бикардем,
Садсола мушкили хеш
Аҳлона ҳал бикардем.

Аз қалби кӯҳи сангин
Ин нақб шуд кушода,
Бо дасти дӯстиҳо,
Бо оҳанин ирода.

Раҳ бар ҷануб шуд боз,
Раҳ боз бар шимол аст,
Дигар кушода ин роҳ
Дар чор фасли сол аст!

## АБРҲОИ ФАЙЗБОР

Эй абрҳои файзбор,
Эй абрҳои навбаҳор,
Кишту зироатҳои мо –
Роҳи шуморо интизор.

Донад ҳама хурду калон:
Чун фасли боронӣ шавад,
Фархундапай бошад баҳор,
Соли фаровонӣ шавад.

Эй абрҳои файзбор,
Эй абрҳои навбаҳор,
Аз лутфу эҳсони шумо
Дунёст дар авҷу барор!

## БАРФИ ЗИМИСТОН

Дар вақташ омад
Зебо зимистон,
Бориду борид
Барфе фаровон.

Мо ҳам ба берун
Гӯё паридем,
Аз шавқу шодӣ
Ҳар сӯ давидем.

Чун дар баҳорон
Форам ҳаво шуд,
Барфи фаровон
Роҳатфизо шуд.

## ДАР ЁДИ МОДАР

Сурати аскареро
Бибиҷонам аз ҷевон
Ҳар гаҳ гирифта бинад
Бо панҷаҳои ларзон.

Он акси дилбанди ӯст,
Рафта ба ҷанги Гирмон.
Ягона фарзанди ӯст,
Қурбон шуда дар майдон...

Аскаре акнун агар
Бо вай шавад рӯ ба рӯ,
Бачаи аскарашро
Мекунад ӯ пурсуҷӯ.

— Надидаӣ, писарҷон,
Ту нури чашми манро? –
Дар қатори аскарон
Бачаи ман - Ҳасанро?...

З-он ҷанги хонумонсӯз
Бигзашт вақти бисёр,
Аммо писар зинда аст
Дар ёди модари зор.

# ҚИССАИ НАВИ ГУРБАВУ МУШ

Се мушак бозӣ мекард,
Ҳай сарфарозӣ мекард.
Инро чу дид Мошон,
Он сӯ давид Мошон.
Он се вале натарсид,
Як зарра ҳам наларзид.
Мошон гуфто бо ғазаб:
— Эй мушони беадаб!
Коратон шуд хеле бад,
Расидам ман ба мақсад!
Чаро шумо аз хатар
Бепарвоед ин қадар?
Чун ин сухан шуниданд,
Ҳар се мушак хандиданд.
Ин ба Мошон алам кард,
Ҳар ду лунҷаш варам кард.
Монанди тир аз ҷо ҷаст,
Зад бар сари мушон даст.
Аммо яке зарба хӯрд,
Зарбаи сеҳарба хӯрд.
Шуд тира пеши чашмаш,
Гуфт аз камоли хашмаш:
— Аз мушакони бедод
Сад доду боз се дод!...
Моҷаро дар работ буд,
Ин се мушак робот буд.

## ДАР БОҒИ ҲАЙВОНОТ

Маҳзуну хастаҳоланд
Шеру паланги ин ҷо,
Касро ба танг оранд
Даргоҳи танги ин ҷо.

Боре нигар ба шоҳин,
Болу параш кашол аст,
Ҳайбат намонда ӯро,
Бечораву малол аст.

Паҳлӯи хеш хорад
Маймун аҷаб нишаста,
Хоянд баччаҳояш
Чалғӯзае шикаста.

Заррофа гарданашро
Бар ҳар тараф битобад,
Аз коҳи хушку хошок
Вай лаззати чӣ ёбад?

Ҳастанд ҷумла озод,
Инҳо чӣ? Банди маҳбас!
Аз ҳоли зори инҳо
Дилгир мешавад кас...

# ОРЗУИ НОДОН

Донӣ ва ё надонӣ,
Танҳо се моҳ хонӣ.

Нӯҳ моҳи дигари сол
Бошӣ ту шоду хушҳол

Гардӣ зи мактаб озод,
Аз тарсу аз таб озод,

Аз дарсу санҷиш эмин,
Аз «2»-ву ранҷиш эмин.

Э кош, ки ҳамин хел
Бошад усули таҳсил!

## МАКТАБУ МУАЛЛИМ

Сар мешавад ба олам
Роҳи дарози матлаб
Аз ҳикмати муаллим,
Аз остони мактаб.

Бе мактабу муаллим
Дунё чӣ гуна тор аст!
Бо мактабу муаллим
Дар ҷону дил баҳор аст!

## ИНТИЗОРИ ТАНАФФУС

Дар сумкаи Тарона –
Атру упову шона.

Вусма кашад ба абрӯ,
Ғоза бимолад ба рӯ.

Дарс ӯ вале надонад,
Нанвисаду нахонад.

Дар назди тахта сархам
Меистад ӯ хапу дам.

Дар дил хӯрад вай афсӯс:
Чаро нашуд танаффус?!..

## ДАР ХИРГОҲ

Дар кӯҳу дашту бешазор
Мо истироҳат мекунем.
Зебодиёри хешро
Сайру сайёҳат мекунем.

Дар айни гармиҳо чӣ хуш,
Худро ба об андохтан!
Гоҳе нишастан гирди ҳам,
Якҷоя гоҳе тохтан.

Пои бараҳна, ваҳ, чӣ нағз,
Ин ҷо қадам бигзоштан!
Дар субҳ рафтан сайри кӯҳ,
Дар шом моҳӣ доштан.

Дар сабзу хуррам ҷойҳо
Хуш бигзарад таътили мо,
То тирамоҳон хуш расад
Соли нави таҳсили мо!

## МОДАР

Дар рӯи олам
Яктост модар,
Ҳар ҷо ки бошад,
Бо мост модар.

Бар мо дурахшад
Чун моҳу хуршед,
Бар мо бубахшад
Ӯ бахту уммед.

Баски пур аз меҳр
Ҷону дили ӯст,
Дорем ӯро
Бо ҷону дил дӯст!

## ШАҲБУЗ

Бо шавқу ғайрати беш
Бошӣ ту аз ҳама пеш.

Бо роҳи тангу кӯҳсор
Ҷӯйӣ раҳи алафзор.

Ёбӣ чу он маконро,
Хонӣ ту дигаронро.

Рама равад зи пуштат,
Ҳама давад зи пуштат.

Чун шаҳбузи асилӣ,
Ту рамаро кафилӣ.

Чӯпон зи пешаат – шод,
Ҷӯяд вай аз ту имдод.

## ЗИМИСТОНИ ВАРЗОБ

Дар дараи сабзи мо
Фасли зимистон расид,
Зеб танашро бидод
Боз ҳарири сафед.

Обаки дарёи шӯх
Таг-таги ях шуд равон,
Селаи кабкаш нишеб
Сар-сари шах шуд равон.

Барфи хуши нуқратоб
Бораду борад само,
Мавсими сарду сафед
Фораду форад ба мо!

## РАНҶИ ТАНБАЛ

Наздаш кушода дафтар,
Ҷонаш вале ба танг аст,
Чашмаш ба сӯи устод,
Ҳушаш вале ба занг аст.

Кай мешавад танаффус?
Аз дарс то бароял!
Аз хавфи «2» гирифтан
Шояд зи нав раҳояд!...

Ҳар кас вазифаашро
Иҷро накард агар шаб,
Рӯзона вақти тафтиш
Дар ранҷ монду дар таб.

## МУНДАРИҶА

Ёрӣ ........ 4
Шодии танбал ........ 6
Зангӯла ........ 8
Баҳор ........ 10
Тирамоҳ ........ 12
Пахта ........ 14
Рахшона раҳгардон шуд! ........ 16
Худписанд ........ 18
Нақби уштур ........ 20
Абрҳои файзбор ........ 22
Барфи зимистон ........ 24
Дар ёди модар ........ 26
Қиссаи нави гурбаву муш ........ 28
Дар боғи ҳайвонот ........ 30
Орзуи нодон ........ 32
Мактабу муаллим ........ 34
Интизори танаффус ........ 36
Дар хиргоҳ ........ 38
Модар ........ 40
Шаҳбуз ........ 42
Зимистони Варзоб ........ 44
Ранҷи танбал ........ 46

*Муродалӣ Собир*

**ГУЛИ БОДОМ**

Муҳаррир *С. Садриддин*
Мусаввир: *С. Имоддинова*
Муҳаррири техникӣ *А. Мираҳмадов*
Таррох *Ф. Раҳимов*

Ба матбаа 12.04.2009 супорида шуд. Ба чопаш 15.04.2009 имзо шуд. Коғази офсетӣ. Чопи офсет. Ҳуруфи адабӣ. Андозаи $60x84^1/_{16}$. Ҷузъи чопии шартӣ 3,0. Адади нашр 1000 нусха. Супориши №40/09.

Нашриёти «ЭҶОД».
734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 36.
Тел.: 221-95-43. E-mail: eiodfir@mail.ru.



Муродалӣ Собир 1 январи соли 1958 дар ноҳияи зебоманзари Варзоб дида ба олам кушодааст. Баъди хатми мактаби миёнаи ноҳия факултети суханшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро соли 1981 ва факултаи иқтисодии ҳамин донишгоҳро соли 2006 хатм кардааст. Чанде дар мактабҳои миёнаи зодгоҳаш ба омӯзгорӣ машғул шудааст. Баъдан дар маҷаллаи ҳаҷвии «Хорпуштак» ба ҳайси ходими адабӣ ва дар Ҷумҳурии исломии Афғонистон ба ҳайси тарҷумон кору фаъолият доштааст. Дар масъалаҳои иқтисодиёти ҷумҳурӣ пажӯҳишу гиреҳкушоиҳо кардааст. Алҳол сармутахассиси Кумитаи андози назди Ҳукумати ҷумҳурист. Аз соли 1987 узви иттифоқи журналистони Тоҷикистон мебошад.

Аммо Муродалӣ Собирро ба шеър дилбастагии зиёдест. Бахусус барои бачаҳо шеър гуфтанро дӯст медорад ва худро шоири бачаҳо мешуморад. Вай ба ин пеша аз давраи мактабхониаш машғул аст. Ҳануз мактабхон буд, ки шеърҳояш дар рӯзномаи «Пионери Тоҷикистон» (ҳоло «Анбоз») ва «Машъал» (ҳоло «Истиқбол») чоп мешуданд. Воқеан намунаҳои беҳтарини шеърҳояш дар китобҳои дастҷамъии «Модарнома», «Навсафар», «Кокули бом», «Риштаборон», «Чил қалам» ва бисёр баёзҳои таълимӣ роҳ ёфтаанд, ки нишони хушояндиву писандидагии шеъри ӯст. Китобҳои алоҳидаи шеърaш ба монанди «Парасту», «Тифли дарё», «Садои сукут» ва «Субҳи Варзоб» дастраси хонандагон гардида боиси болидагии хотири хурдсолон гардидаанд.

«Гули бодом» ҳадяи тару тозаест аз боғи табъи шоири бачаҳо ба хонандагони хушдимоғ.

